*ТДУ 371.012*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-1-111-116*

# *ОИД БА МУАММОИ ТАРБИЯИ ЗЕБОИШИНОСӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ*

***Осимова Парвина Абдулатифовна**, унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумии МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *О ПРОБЛЕМЕ ЭСТЕТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ*

***Осимова Парвина Абдулатифовна**, соискатель кафедры общей педагогики ГОУ "ХГУ имени акад.Б.Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

# *ON THE PROBLEM OF AESTHETIC EDUCATION IN THE PRIMARY SCHOOL*

***Osimova Parvina Abdulatifovna**, claimant of the Department of General Pedagogy, SEI "Khujand State University named after acad.B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:**uchzaphgu@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:** тарбияи эстетикӣ, синфҳои ибтидоӣ, санъат ва меҳнат, шахсият, папйе-маше*

*Мақола доир ба масъалаи тарбияи зебоишиносии хонандагои синфҳои ибтидоӣ дар дарси меҳнат ва санъати тасвирӣ баҳс менамояд. Қайд мешавад, ки дар барномаи омодагии хатмкунандагон бояд тарбияи зебоишиносӣ дохил карда шавад. Ҳангоми иҷрои ин вазифаи бисёр муҳим зарур аст, сифати таълим ва тарбия баланд бардошта шавад; дараҷаи баланди тадриси ҳар як фанни таълимӣ барои чуқур соҳиб шудани хонандагон ба асосҳои илм, беҳтар гардонидани тарбияи сиёсӣ, меҳнати ва маънавӣ инкишофи зебоишиносӣ ва ҷисмонии онҳо таъмин карда шавад. Дар алоқамандӣ бо ин дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзиши чунин фанҳо: расмкашӣ, суруд, корҳои дастӣ, санъат ва меҳнат, технология (таълими меҳнат) бояд сифатнок гузаронида шаванд. Дар ин шароит доимо дар хотир доштан лозим аст, ки тарбияи эстетикӣ мақсад не, балки вазифаест, ки ҳалли он шарти зарурии ташаккули шахсияти ҳаматарафа ва баркамол инкишофёфта, инкишофи минбаъдаи асосҳои моддию маънавӣ мебошад. Донишҷӯёни таълимгиранда, ки объекти таълиму тарбия буда, он ҳамчун падидаи махсус, хоси сохтори иҷтимоии ҷомеа бо назардошти синну сол, иҷтимоӣ ва дигар хусусиятҳои ҳаёти хонандагон муносибат карданро талаб мекунанд.*

***Ключевые слова:** эстетическое воспитание, начальный класс, искусство и труд, личность, папье-маше*

*Рассматриваются вопросы подготовки выпускников школ, которая непременно должна включать в себя программы по эстетическому воспитанию, формированию их высокой эстетической культуры. Отмечается что, при выполнении этой крайне важной задачи необходимо повышать качество образования и воспитания; обеспечивать более высокий научный уровень преподавания каждого предмета для глубокого овладения школьниками основами наук, улучшения политического, трудового и нравственного воспитания, их эстетического и физического развития, в связи с чем , изучение в школе следующих предметов: рисование, пение, рукоделие, технология, декоративно-прикладное искусство, должно вестись на более качественном уровне. В этих условиях следует постоянно помнить, что эстетическое воспитание – не самоцель, а задача, решение которой и есть необходимое условие формирования всесторонне и гармонично развитой личности, дальнейшего развития материальных и духовных основ современного образа жизни. Указывается, что учащаяся молодёжь, являясь объектом воспитания, требует подхода к ней как к особому, специфическому феномену в социальной структуре общества, учитывающего возрастные, социальные и иные особенности бытия школьников.*

***Key words:** aesthetic education, primary school, arts and crafts, personality, papier-mâché*

*The article discusses the issue of aesthetic education of primary school pupils in the lesson of arts and crafts. The training of these pupils must certainly include programs of aesthetic education for the formation of their high aesthetic culture. While performing this very important task, it is necessary to raise the quality of education and training; to ensure a higher scientific level of teaching subject to acquire the fundamentals of science, to improve their political, labor and moral education, aesthetic and physical development.In this regard, the study of the following subjects at school: drawing, singing, needlework, technology, arts and crafts should be carried out at a higher quality level. In these conditions, it is necessary to remember that aesthetic education is not a goal, but a task, the solution of which is a necessary condition for the formation of a comprehensive and mature personality, and the further*

*development of material and spiritual foundations.The schoolchildren, being the object of education, require an approach to it as a special, specific phenomenon in the social structure of society, taking into account their age, social and other characteristics.*

Тарбияи зебоишиносии хонандагон аз синфи якум бояд ба муаллими фанни санъат ва меҳнат супурд. Вазъияти мавҷуд, ки дар он дарси санъат ва меҳнатро он муаллиме, ки дар риштаи математика, забони давлатӣ ва дигар фанҳоро таҳсил гирифтанд, тадрис медиҳанд, имкони баланд бардоштани тарбияи зебоишиносиро ба дараҷаи зарурӣ намедиҳад ва дар нитиҷа яке аз давраҳои асосӣ дар ташаккули хонандагон гум мешавад.

Барномаи фанни санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ соҳиб шудани хонандагон бо як қатор амалиёти меҳнатӣ, малакаҳои муайян дар доираи расмкашӣ, мустақилият дар офариниши расмҳои ашёи гуногун ҳамчун аз рӯи хотира ва аз аслро пешбинӣ мекунад.

Аз ин лиҳоз, ба дарси санъат ва меҳнат диққати махсус додан лозим аст, чунки он дар раванди тарбия нақши асосиро мебозад, малакаҳои меҳнатӣ ва завқи зебоишиносиро ташаккул медиҳад.

Дар мақолаи «Санъат чист?» А.Н. Толстой ин мазмунро чунин кушодааст: «Ҳиссиёти як маротиба гирифташударо ба худ фаро хонда бо тавассути ҳаракат, хат, ранг, овоз,симо, сухан ин ҳиссиётро чунон додан лозим , ки дигарон низ онро ҳис кунанд,- дар ин фаъолияти санъат иборат аст. Санъат ҳамчун фаъолияти инсон, аз он иборат аст, ки як одам бошуурона, бо аломатҳои берунаи маълум ба дигар гирифтори ин ҳиссиёт ҳавола мекунад, одамони дигар ба ин ҳиссиёт мубтало мешаванд ва онро аз сар мегузаронанд» [16, с.65].

Педагоги рус О.Ю.Ефремов тарбияи зебоишиносиро чунин маънидод кардааст: «Инкишофи доираи эмотсионалӣ-ҳиссиётии шахсият, олами рӯҳӣ; тарбияи муносибати одам; ба олам, талаботи ғайримустақим ба зебоӣ» [2, с.124].

Оид ба мақсади тарбияи зебоишиносӣ олими дигари рус В.И.Петрушин ақидаи худро чунин иброз кардааст: «Мақсади тарбияи зебоишиносӣ омӯхтани одам ба дарк кардани олам ҳамчун табиатан хоси идомаи худ, ҳамчун ба олами иҷтимоӣ ҳиссиёт пайдо кардан, ки бо табиат ва предметҳои моддии олам алоқаманд аст» [8, с.99]

«Эстетика- ин илм дар бораи инкишоф ва ташаккули қобилияти эҳсоси инсонӣ, тарбияи ҳис кардани зебоӣ нисбат ба табиат, санъат, муносибати одамон. Предмети асосии омӯзиш ҳама спектри ҳиссиёт –олӣ будан, фоҷианокӣ,аҷоиб будан ва ғайра» [3, с.262].

Байни намудҳои гуногуни фаъолияти меҳнатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки барномаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешбинӣ мекунад, ба назари мо таваҷӯҳи махсусро кор бо қоғаз ва картон нишон медиҳад. Маводи нарм, осон бурранда, ки ҳама шакл ва рангро қабулкунанда дар инкишофи тасаввуроти фазоӣ ва бадеии хонандагон мадад мекунад. «Симои ашё ё равандҳои воқеияти ҳақиқӣ, ки пештар дарк карда будем, аммо баъдтар аз ҷиҳати фикрӣ нав мекунем, тасаввурот меноманд» [11, с.82].

Кор бо онҳо асосҳои ибтидоии нақшакашӣ ва сохтанҳои бадеӣ замина мегузорад, фаъолона ба тарбияи завқи зебоишиносӣ мусоидат мекунад, ба хонандагон барои баланд бардоштани ҳиссиёти хушоҳангии муносибати ранг, ҳаҷм ва графика кӯмак мекунад. Кор бо қоғаз ва картон дақиқӣ ва истодагариро талаб мекунад, ки барои ташаккули шахсият сифатҳои зарурӣ ба ҳисоб меравад.

«Муҳимтарин хусусияти таълими муосир таваҷҷӯҳи он ба омодагии шахс ба рушди фаъоли тағйироти иҷтимоӣ мебошад. Дар даҳсолаҳои охир тағйироти асосии таълим нисбат ба рушди нерӯи эҷодии шахс равона шуда истодааст. Омодагии касбии педагогӣ дар донишгоҳи омӯзгорӣ бо азхудкунии низоми махсуси дониш, малака, маҳорат, ташаккули сифатҳои касбии назарраси шахсияти омӯзгори оянда, ки амалисозии мақсадноки фаъолияти касбиро таъмин менамояд, муайян карда мешавад» [1, с.131].

Равоншиноси машҳури рус В.Н.Мясишев шахсиятро чунин эзоҳ додааст:

«Шахсият-мафҳуми олии интегралӣ мебошад.Шахсият пеш аз ҳама, ҳамчун низоми муносибати одам ба воқеияти атроф тавсиф дода мешавад. Дар таҳлил ин низомро ба шумораи беохири муносибати шахсият ба ашёи гуногуни воқеият тақсим кардан мумкин аст, аммо дар мазмуни додашуда ин муносибатҳо ҷузъӣ намебошад, ҳар яке аз он ҳамеша шахсӣ боқӣ мемонад»

Аз рӯи муайян кардани С.Л.Рубинштейн, шахсият ҳамчун «маҷмӯи шароитҳои ботинии ба ҳамдигар алоқаманд, ки тавассути он ҳамаи таъсиррасонии зоҳирӣ инъикос мешавад» [9, с.240].

«Барои он ки ба шахсият таъсир расонем, раванди умумии ташаккули шахсият омилҳо ва давраҳои онро аниқ тасаввур мекунем. Раванди ташаккули шахсиятро одатан иҷтимоикунӣ

меноманд, чунки дар амалигардонии он нақши калонро ташкилот ва институтҳои гуногун меофаранд.

Иҷтимоикунӣ- раванди бисёрдавраии дигаршавӣ ва инкишофи сифатҳои равонии шахсият зери таъсири муҳити иҷтимоии атроф шарҳ дода мешавад» [7, с.166].

Л.Д.Столяренко мазмуни тарбияи эстетикиро чунин баён кардааст: «инкишофи идроки олами атроф ва қобилияти қадр кардан ва офаридани зебоӣ; инкишофи ҳиссиёти зебоишиносӣ ва эҳсосӣ, инкишофи тасаввурот; маърифати зебоишиносӣ хонандагон дар соҳаи санъат, маданият, объектҳои табиат; тарбияи эстетикии фардӣ, ки ба инкишофи нишонаҳои истеъдоди бадеӣ нигаронидашуда, қобилият ва рағбати хонандагон; ташаккули механизми зебоишиносии худмаърифатӣ; ташаккули муносибати зебоишиносӣ, идрок, ҳиссиёт, табъ ва идеал [12, с.599].

Дар дарсҳои санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ мумкин аст чунин намудҳои кор бо картон ва қоғазро ба хонандагон пешниҳод кунем:

а) тасвирҳои паҳлӯии муқарнас

б) тасвирҳои ҳаҷмдор

в) буридан

г) сохтани бозичаҳо

д) дуруст кардан

е) тикадӯзӣ (аппликатсия)

ж) мозаика (кошинкорӣ)

з) амсиласозӣ

и) папйе-маше «Хамираи қоғаз, ки аз омезиши ширеш, гаҷ ва бӯр тайёр карда шуда, барои сохтани қолиби чизҳои гуногун истифода мешаванд» [15, с.682].

Чунин намудҳои кор бо қоғаз, ҳамчун тасвирҳои ёнбарории муқарнас ва ҳаҷмнок, буридан, аппликатсия, кошинкорӣ барои ороиши маснуоти гуногун аз картон, қоғаз ва ғайра мавод хизмат мекунад, ки барнома пешбинӣ кардааст. Аммо сохтани бозичаҳо, дуруст кардан, амсиласозӣ ва папйе-маше-намудҳои кори мустақилона дар дарсҳои санъат ва меҳнат мебошад.

Дар поён тавсифи мухтасари ҳар яке аз намудҳои кор бо қоғаз ва картон пешниҳод карда мешавад.

**Тасвирҳои паҳлӯии муқарнас**. Дар асоси тасвири ин намуд- заминаи ҳамвор, ки тасмачаҳои борики қоғаз расмҳои қаткардашудаи муайян часпонида мешавад. Ин тасмачаҳои қоғазӣ ба замина на рӯйнокӣ, балки ба паҳлӯ ва ҳошия часпонида мешавад.

«Коғаз (бумага- итолиёвӣ, ватваgіа-пахта)-мавод дар намуди варақи тунук, ки аз наххои рустанӣ иборат буда байни худ бо қувваи сатҳии пайвасткунӣ васл карда мешавад. Дар замони ҳозира 600 намуди коғаз коркард карда мешавад, ки ба 11 дараҷа тақсим карда мешавад: 1-барои чоп (матбаавӣ, офсетӣ, рӯзномавӣ ва ғайра);

2-барои навиштан (навиштаҷотӣ, хатнависӣ); 3-нақшакашӣ, расмкашӣ, калка (қоғаз ё коленкори шаффофи махсус барои нусхабардории нақшаҳо); 4- электроизолясионӣ (конденсаторӣ, кабелӣ); 5-папиросӣ; 6-ҷаббида шуда (полидашуда (филтр) қоғази обчинак); 7-барои асбобҳо (аппарат) (телетайпӣ, перфокарта); 8-рӯшноӣ ҳискунанда (барои нусхабардорӣ); 9-барои кӯчонидан; 10-чизпечонӣ; 11-саноатӣ-техникӣ (сунбода, патронӣ, найчагӣ)» [10, с.10-11].

«Картон (франсавӣ)-маводи варақии сахти ғафс ё лентамонанд бо зиччии сатҳи зиёда 50кг/м².Аз маводи нахаш дағал коркард мешавад» [5, с.10-11].

Дар расми мураккаб печутобхӯрда тасмаи қоғазӣ баъдан ба хати борик омехта мешавад, баъзан монанди ҳамвории паҳлӯ ба назар менамояд. Бозии равшанию тирагӣ ва муқарнасӣ тасвири равшани таъсири ороиширо ба вуҷуд меорад.Бо баробари ин техникаи иҷроиш барои хонандагон мураккаб намебошад. Буридани тасмачаҳои борики қоғазӣ, қат кардани он ба намуди чин-чин дар шакли «синннусоидҳо», аз рӯи доира ё шакли дигар, часпонидани он ба ҳамвориро ҳатто хонандагони синфҳои поёнӣ аз ӯҳдааш мебароянд. Дар ин вақт истифодаи ширешҳои сунъӣ, ки тез хушк мешавад ва доғҳои зард намегузорад, тавсия дода намешавад.

Тасвирҳои паҳлӯӣ (ёнбарории) муқарнасӣ аз қоғаз тасвири нақшҳои геометрӣ ё рустанӣ, композитсияи афсонавӣ ё тасвирҳои ҳайвонотро дар худ ифода мекунад. Қисми махсусро композитсияи ҳуруфӣ нишон медиҳад. Тасвирҳо метавонанд ҳамчун аз қоғази сафед ва бо истифодаи ранг часпонида шаванд. Қоғази ранга метавонад замина ё тасмачаҳои қоғазӣ дошта бошанд: дар як ҳолат заминаи сафед, ки ба он тасмачаҳои рангаи қоғазӣ ҷойгир шаванд, дар дигар-дар заминаи ранга ё сиёҳ, тасвири муқарнасии сафед.

**Тасвири ҳаҷмдор аз ҷисмҳои ҳандасавӣ.** Коре, ки бо ин техника иҷро мешавад аз ҷиҳати фасеҳии бозии рӯшноию тирагӣ, муқоисаи ҳамворӣ ва қирра, қуллаҳои ҷисмҳои гуногуни ҳандасавӣ мароқангез мебошад. Ин тасвирҳо аз шаклҳои ҳандасавии сода иҷро карда мешавад.

Сараввал секунҷаҳо, чоркунҷа, панҷкунҷа ва дигар ҷисмҳои ҳамвор бурида мешавад, баъд онҳо аз рӯи диагнал, баландӣ ва аз рӯи хатти маёна қатъ карда мешаванд ва ба онҳо шакли муқарнасӣ бо барҷастагӣ ё фурӯхамидагӣ дода мешавад. Дар чунин намуд ин ҷисмҳои ҳаҷмдор ба якдигар дар такрории мунтазам, ки дар расми тайёршуда пешбинӣ шудааст часпонида мешавад. Тасвирҳои ҳаҷмдор аз шаклҳои ҳандасавӣ ва нақшҳои ҳандасавӣ маҳдуд карда мешаванд, аммо бисёрии композисияҳои имконпазир ва ҷисмҳои ибтидоӣ мутаносибии ҳамдигарии онҳо дар тасвир, дар худ сарчашмаи бойи эҷодиёти бачагонаро дорад. Ба монанди тасвирҳои миёнбарории муқарнас, шаклҳои геометрии ҳаҷмдор метавонад композисяҳои ранга ва якрангро ба вуҷуд орад.

**Буридан**. Буридан – яке аз намудҳои шавқовартарини кор бо қоғаз мебошад, ки фазои инкишофи хаёлоти хонандаро медиҳад. Дар дастони моҳир варақаи қоғаз бо ёрии танҳо як қайчӣ ба нақшу нигори бой, зарраҳои барф, гулҳои ҳайратангез, композитсияҳои бисёрҷуссаи ороишӣ мубаддал мегардад. Техникаи иҷроиши чунин тавсирҳо чунон содда, ки танҳо бо буридани ингуна тасвир ва композисия имконият медиҳад.

Дар композисияҳои сужетӣ – мавзӯӣ фарқ дар оҳанг ва ранги замина мебошад, ки хушандомӣ ва дақиқии тарҳ ва шаклро таъкид мекунад. Қувваи зиддиятҳои гуногун фосилаи воситаҳои муассирро барои васеъ кардан имкон медиҳад.

Техникаи буридан, чуноне қайд шуд, бисёр одӣ ва ба ҳама синусоли хонандагон дастрас мебошад. Паҳлӯҳои мусбати он дар он аст, ки бо он на танҳо композисияҳои сужетӣ ё нақшу нигорӣ, балки ороишҳо барои арчаҳои солинавӣ ва идҳо сохтан мумкин аст.

Чунин корҳои дастиро хонандагон бо хоҳиши калон ва бо шавқ иҷро мекунанд.

“Композитсия – қисматбандӣ;

Композисияи расм – қисматбандии расм (аз лотинӣ бо маънои “иншо”, “таҳия”) [4, с.102].

**Тикадӯзӣ ё аппликасия.** Дар луғати забони русии С.И.Ожегов аппликасия чунин омадааст:

«1. Тайёр кардани расм аз порчаҳои қоғази ранга ё матои часпонида шуда ё дӯхташуда. 2. Бо ҳамин тарз тайёр кадани лавҳа, тасвир, ороиш» [6, с.20]. Ин намуди кор бо қоғаз барои хонандагон ҷозибанок мебошад. Тозагӣ ва ҷилои расм, пуррагӣ ва равшании ранг ҳамеша хонандагонро ба худ ҷалб мекунад .

Тасвир дар техникаи аппликасия бо роҳи ба асоси қоғазӣ часпонидани шаклҳои гуногунрангаи буридашуда ба вуҷуд оварда мешавад. Хусусиятҳои хоси он тасвири хоси суробӣ, мусаттаҳӣ, маҳдудӣ, доғи калони ранга ба ҳисоб меравад. Расм дар аппликасия вобаста ба хислати мавзӯъ ва мақсади гузошташуда ҷамъбаст ва тасдиқ карда мешавад.

Аппликатсия забони тасвирии худро талаб мекунад, техникаи иҷроиш ва хосиятҳои маводро талаб мекунад. Тарзҳои асосии аппликатсия буридан бо қайчӣ боқӣ мемонад. Бо вуҷуди ин барои таҳвил масалан, болу пари паранда, пашми ҳайвонот беҳтар аст, ки тарҳи ҷузъ пашмнок ва мулоимкардашуда ҳосил шавад. Баъд тавсирро ба заминаи ранга мечаспонанд. Диққати асосӣ ба ҷамъбаст кардани шакл, ҷустуҷӯи якҷоякунии рангҳои муассири муносиб равон карда мешавад. Бо қоғази ранга кор карда хонандагон бо асосҳои қонуниятҳои рангшиносӣ мафҳумҳои асосӣ ва иловагии рангҳо шинос мешаванд. Имкони тасвирии аппликасия бисёр васеъ мебошад. Дар ин техника гиреҳҳо ва портрет, манзаранигорӣ ва композисияҳои сюжетӣ – мавзӯӣ, натюрморт, тасвири ҳайвонот ва парранда эҷод кардан мумкин аст; аппликасия метавонад дар шакли варақаҳои алоҳидаи мустақил баромад кунад, онро дар намуди китобҳои бисёрсюжетаи қатшаванда ва дар ороиши дохили бино истифода бурдан мумкин аст.

**Кошинкорӣ (мозаика)** чуноне, маълум аст, тасвире, ки аз порчаҳои маводи гуногун сохта шудааст ва ба асоси ягона пайваст шудаанд кошинкорӣ меноманд. Кошинкории аз қоғаз бо тарзи чидан, яъне тасвир бо шаклҳои қоғази ба тарафи рӯйя чида пур карда мешавад.

Дар тафовут аз аппликасия дар кашинкорӣ тасвирҳои ҳамвор ва ҳаҷмдор эҷод кардан имкон дорад. Дар вақти тасвири ҳаҷмдор зарур аст, ки порчаҳои қоғазро бо назардошти қонунҳои равшанию тирагӣ, гузориш аз як ранг ба ранги дигар кошинкорӣ кардан лозим аст.

Дар луғати калимаҳои хориҷӣ мафҳуми кошинкорӣ (мазаика) (фр.moseigue ит. mosaico)- «1.тасвир ё нақш , аз порчаҳои гуногунранги шиша, сангҳои ранга, дарахт, металлҳо, эмал ва ғайра, ки байни ҳам бисёр зич мувофиқ карда шудаанд; инчунин худи ин порчаҳо; 2) намуди санъат,ки дар тартиб додани чунин лавҳа, тасвир, нақшҳо иборат аст; 3) омехтаи рангоранги гуногун ҷинс» [15, с. 326-327].

Дар расми пешакӣ барои кошинкорӣ ҷойҳои аз ҳама асосии махсус, ҷамъбаст кардани шаклҳо, гирифта партофтани ҳамаи изофагиҳо ҷустуҷӯи хатти ҳаракат, доғҳои ранги асосиро

боқӣ гузоштан зарур аст. Предмет ё ҷисмҳои алоҳидаро гирифта монда, дар бораи замина, ки онҳоро иҳота мекунад, фикр кардан лозим аст. Дар бораи имкониятҳои бойи ранги сиёҳ фаромӯш нахоҳад кард. Тасвири кошинкорӣ аз қоғаз бисёр муассир, ба монанди булӯри рангаи зинат додашуда ба назар менамоянд. Сатҳи варақ бо тӯри борики бахияи графикӣ шадда карда шудаанд, ки тобиши зеборо ба вуҷуд меоранд. Вобаста аз заминаи умумӣ ин бахияи тӯрӣ метавонад сафед, сиёҳ ё дигар ранг бошад. Якхела будани он барои якҷоя кардани ҳамаи тобишҳои тасвир ёрӣ мерасонад, ки ба манзалати бадеии асар ба таври мусбат гуфта мешавад. Нисбатан осон ва ҷолиб будани иҷроиш, мувофиқатии байни рангҳо, таъсирнокии ороиш кошинкориро яке аз намудҳои дӯстдоштатарини кори хонандагон бо қоғаз мекунад.

Боби махсуси кор бо қоғаз сохтани бозича, шаклҳои гуногуни ҳаҷмдор, амсиласозӣ ва папйе-маше мебошад.

**Сохтани бозичаҳо аз қоғаз.** Бозича дар инкишофи эҷодӣ ва маънавии хонандагон аҳамияти калон дорад. Бозичаҳое, ки худи онҳо месозанд на танҳо натиҷаи меҳнати аввали онҳо, балки қобилияти эҷодӣ, ихтирокории техникӣ, имкониятҳои конструктории онҳоро ифода мекунад.

Ҳар як бозича хусусиятҳои шартии худро дорад, ки аз мавод ва тарзи сохтан вобаста аст. Агар бозичаҳои тарошидашуда аз шакли нафисии худ фарқ кунанд, бозичаҳои аз қоғаз сохташуда бо аниқии тарҳ шумораи ками ҷузъҳо фарқ мекунанд. Кор аз рӯи сохтани бозичаҳои аз қоғаз сохташуда бо дарси нақшакашӣ зич алоқаманд мебошад: аз сифати густараи (андозаи (нусхаи ) либос) бозича, таҳвили монандии предмети зинда ё беҷон, ки хонанда метавонад ифода намояд. Аз рӯи сохтор бозичаҳои аз қоғаз сохташуда метавонанд ҳамчун як андозаи бо буриш, ва аз 2-3 қисмҳо иборат бошанд.

Лаҳзаи муҳим дар ин кор ороиш додан ба ҳисоб меравад. Онҳоро бо аппликасия, нақшу нигор бо гуаш, акварел, туш ороиш медиҳанд. Вазифаи муаллим аз он иборат аст, ки хонандагонро аз ҳад шумораи ҷузъҳоро зиёд кардан қаблан хабардор кунанд. Кор бо бозичаҳо шавқи хонандагон ба санъат баланд мекунад, рағбатро тарбия мекунад, таҷассуми ғояҳои эҷодиро дар маводи гуногун дар онҳо меомӯзонад, ба инкишофи малакаҳои техникӣ ва конструкторӣ мусоидат мекунад.

**Папйе – маше.** Зери истилоҳи папйе-маше маснуоти бо тарзи ширешкунӣ шакл ё колбад, ки бо якчанд қабати қоғази мулоим сохташударо мефаҳманд.

Колбад аз гил, пластилин, парафин ва дигар маводи мулоим сохта мешаванд. Колбад-шакл дар як-ду қабати порчаҳои қоғазӣ тар карда шуда, ширеш карда мешавад, баъд қабат ба қабат –порчаҳои қоғази таркарда шуда часпонида мешавад. Чи қадаре, ки нақши муқарнас мураккаб ва маснуот хурд бошад, ҳамон қадар порчаҳои хурди қоғаз барои часпонидани он лозим аст. Барои он ки қабати папйе-маше баробар, ба як андоза ҳосил шавад, истифодаи қоғазҳои гуногун-ранг ва хосият тавсия дода мешавад.

Шакли тайёрро ду тақсим карда бурида мегиранд ва бодиққат дар ҷойи гарму хушк мехушкмонанд. Қисмҳои ва ба ҳамдигар мувофиқшударо бо шireши дуредгарӣ мечаспонанд; баъд маснуот тоза карда мешавад, бо оҳар (крахмал) рӯйпӯш мекунанд, аз нав хушк мекунанд.

Барои ранг молидан ва нақшу нигор ба маснуоти аз папйе-маше сохташуда ду-се қабат ранги равғанӣ, дар ҳолатҳои алоҳида-гуаш (навъи ранги акварел) ё темпера (рангҳое, ки аз зардии тухм, равған, ё елим таҳия мешавад) тавсия дода мешавад. Аз папйе-маше на танҳо бозичаҳо, балки асбобҳои айёнӣ, зарфи мулӯҳ (муляж) –и сабзавот ва меваҳо ва ғайра сохтан мумкин аст.

**Қат кардани қоғаз.** Ин намуди кор шавқро аз ҳисоби аҷоиб будани тарзи завқи хонандаро бедор мекунад. Он бе иштироки ширеш ва буридани ашёи ҳаҷмдор танҳо бо воситаи қаткунии бомаҳорат коғаз пайдо мешавад. Бо ин тарз гул, киштӣ, паранда ва ғайра сохтан мумкин аст. Бисёрие аз маснуот арзишҳои амалӣ доранд, ки шавқи хонандагонро ба сохтан баланд намояд. Масалан, стакан ва сарпӯши худсохт, дар саёҳат ва якҷоя ба тамошо рафтан истифода мешавад.

Ин намуди кор барои инкишофи тасаввуроти фазоии хонандагон имкониятҳои васеъро медиҳад, донишҳои шаклҳои ҳандасавиро мустаҳкам мекунад.

Ҳамин тавр, кор бо қоғаз ва картон ба назари мо яке аз самараноктарини воситаи ташакули завқи зебоишиносӣ ва коркарди малакаҳои меҳнатӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад. Хулоса, дар дарси санъат ва меҳнат ҳангоми иҷрои корҳои гуногуни мустақилонаи омӯгор метавонад, завқи зебоипарастии хонандаро ривоҷ дода, дар тарбияи зебоишиносии ӯ саҳм гузорад.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1.Алиева, М.Н. Инкишофи маҳорати эҷодии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ /М.Н.Алиева, И.С.Бобоева// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар -№-1-4 (80) қисми 2, Бохтар: ҶДММ «Матбаа», 2020.- С. 131-135
2.Ефремов, О.Ю.Педагогика. Учебное пособие/О.Ю.Ефремов.-СПБ.:Питер,2010.-352с.
3.Загвязинский, В.И.Теория обучения и воспитания: Учебник для бикалавров /В.И. Загвязинский, Н.Н.Емельянова//- М.:Издательство Юрайт, 2014-314с.
4.Ишматов, А.Б.Фарҳанги нимтафсирии русӣ ба тоҷикии истилоҳоти нассоҷӣ /А.Б.Ишматов, М.Ф. Иброҳимов//– Душанбе: «Э.Р – граф», 2020. – 240с.
5.Мукимов,Р.С. Краткий энциклопедический архитектурно-строительный словарь /Р.С.Мукимов// Методическое пособие-Душанбе: Мерос-ТГУ, 1993.-200с.
6.Ожегов, С.И. Словарь русского языка /С.И.Ожегов// Москва: Советская Экциклопедия – 1973. 846с.
7.Островский, Э.В. Основы психологии: Учеб. Пособие.- М.: Вузовский учебник: Инфра-М, 2014-268с.
8.Петрушин, В.И. Психология и педагогика художественного творчества: учебное пособия для вузов.-2-е изд.-М: Академический Проект;Гаудемус, 2008.-490с.
9.Рубинштейн, С.Л. Проблемы общей психологии.-М.:Педагогика, 1976 С.240
10.Русско–таджикский словарь: Свыше 72000 слов/ С.Д.Аргуманов, Х.А.Аҳрорӣ, М.Бегбуди и др.; под Ред. .М.С.Асимова//-М.: Русский язык, 1985-1280с.
11.Столяренко, Л.Д. Психология: краткий курс лекций /Л.Д.Столяренко, В.Е.Столяренко//-4-е изд., прераб.и доп.-М.:Издательство, 2011.-173с.
12.Столяренко Л.Д. Психология ва педагогика: учебник/Л.Д. Столяренко//-2-е изд. доп. и прераб.-Ростов н/Д: Феникс, 2010,-636с.
13.Словарь-справочник по черчению: кн для учащихся/ В.Н.Виноградов, Е.А.Василенко, А.А.Алхименок и др.-М.: Просвещение, 1993.-159с
15.Словарь иностранных слов. – 16-е изд., испр.-М.: Рус.яз.,1988. – 624с 16.Толстой, А.Н. Собрание сочинений. Тома 1-10. — М.: Книгоиздательство писателей, 1912—1915

**REFERENCES:**

1. Aliyeva, M.N. Development of creative skills of future primary school teachers /M.N.Alieva, I.S.Boboyeva// Report of Bakhtar State University -№-1-4 (80) part 2.- 2020.- P.131-135
2. Efremov, O.Yu. Pedagogy. Textbook / O.Yu.Efremov.-St. Petersburg.: Peter, 2010.-352p.
3. Zagvyazinsky, V.I. Theory of training and education: A textbook for bachelors / V.I. Zagvyazinsky, N.N. Emelyanova//- M.: Yurayt, 2014-314p.
4. Ishmatov, A.B. Semi-explanatory dictionary of Russian to Tajik textile terms / A.B. Ishmatov, M.F. Ibrahimov//– Dushanbe: “ER – graf”, 2020. – 240 p.
5. Mukimov, R.S. A short encyclopedic architectural and construction dictionary / R.S. Mukimov / / Methodological guide-Dushanbe: Meros-TSU, 1993.-200 p.
6. Ozhegov, S.I. Dictionary of the Russian language / S.I. Ozhegov / / Moscow: Soviet Encyclopedia - 1973. -846 p.
7. Ostrovsky, E.V. Fundamentals of psychology: Manual. - M .: Vuzovsky textbook: Infra-M, 2014-268 p.
8. Petrushin, V.I. Psychology and Pedagogy of Artistic Creation: Textbook for High Schools.-2nd ed.-M: Academic Project; Gaudemus, 2008.-490 p.
9. Rubinshtein, S.L. Problems of General Psychology.-M.: Pedagogy, 1976.-- P.240.
10. Russian-Tajik Dictionary: Over 72,000 words / S.D. Arzumanov, H.A. Ahrori, M. Behbudi and others; under Ed. .M.S. Asimova//-M.: Russian language, 1985-1280p.
11. Stolyarenko, L.D. Psychology: a short course of lectures /L.D. Stolyarenko, V.E. Stolyarenko//-4th edition, revised and supplemented-M.: Izdatelstvo, 2011.-173p.
12. Stolyarenko L.D. Psychology and pedagogy: textbook / L.D. Stolyarenko//-2nd ed. add. and revised. - Rostov n / a: Phoenix, 2010, -636p.
13. Dictionary-reference book on drawing: book for students / V.N. Vinogradov, E.A. Vasilenko, A.A. Alkhimenko and others - M .: Prosveshenie, 1993.-159p.
14. Dictionary of foreign words. - 16th ed., Rev.-M.: Rus.yaz., 1988. - 624s
15. Tolstoy, A.N. Collected works. Volumes 1-10. - M .: Publishing house of writers, 1912-1915.